**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 73/2с
аз «26» 05 соли 2021

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ оид ба лоиҳаи «Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 апрели соли 2021 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 6 апрел то 6 майи соли 2021 гузаронида шуд. Ҳангоми гузаронидани машварати оммавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардид.

Омӯзиши ҳуқуқии маводи пешниҳодгардида собит сохт, ки дар лоиҳаи зикргардида риоя нагардидани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ ҷой дорад:

1. Талабот оид ба сархати нуҳуми қисми 1 моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» оид ба ӯҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот, ки аз талаботи мазкур бармеояд,

умуман маълумот ҷой надорад. Аз ҷумла, уҳдадориҳое, ки дар банди 5, 11, 13 ва дигар бандҳои лоиҳаи мазкур пешбинӣ шудааст, дар таҳлили таъсири танзимкунӣ баён нагардидааст. Инчунин маҳдудиятҳое, ки дар банди 6, 8 ва дигар бандҳои лоиҳаи болозикр нисбат ба ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) муқаррар шудааст, дар таҳлили таъсири танзимкунӣ зикр нагардидааст. Дар доираи лоиҳаи пешниҳодгардида, инчунин асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот бояд, баён гардад. Ҳамзамон, маводҳои пешниҳодгардида собит сохт, ки дар ҳуҷҷати таҳлили таъсири танзимкунӣ талаботи мазкур ду маротиба такрор ёфтааст, ки тартиби дурусти пешниҳоди маълумот нисбат ба ҳуҷҷати таҳлили таъсири танзимкунӣ риоя нагардидааст.

2. Талабот оид ба сархати ёздаҳуми қисми 1 моддаи 36 Қонуни зикргардида, эҳтимолияти оқибатҳои иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот умуман баён нагардидааст. Мувофиқи мақсад аст, ки оқибатҳои иқтисодӣ нисбати ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо дарназардошти вазъи воқеӣ, пеш аз қабули лоиҳа ва баъди дар амал татбиқ намудани он баҳогузорӣ ва таҳлил карда шавад.

Тибқи талаботи банди 20 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст, агар дар хулоса аз ҷониби таҳиякунанда риоя нашудани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дарҷ шуда бошад, таҳиякунанда таҳлили таъсири танзимкунӣ ва лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро такмил дода, онро такроран ба мақоми ваколатдор ҷиҳати пешниҳод намудани хулоса пешниҳод менамояд.

Бо эҳтиром,
муовини якуми Директор — Соҳибзода М.М.

Иҷро кард: Бахши ТТТ.
Тел.: 227-46-71.